**Агентстии омори**

**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# БАРНОМАИ

# РУШДИ ОМОРИ ГЕНДЕРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ СОЛҲОИ 2014-2015

**Душанбе с. 2013**

## РӮЙХАТИ НОМҲОИ ШАРТАН ИХТИСОРШУДА

**CEDAW** Конвенцияи СММ оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз (дискриминатсия) нисбати занон

**БОР** Бонки осиёгии рушд

**АО** Агентстии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ТКНЗ /MICS** Тадқиқоти кластерӣ бо нишондиҳандаҳои зиёд

**ВКД** Вазорати корҳои дохилӣ

ВРИС Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СҒҲ** Созмонҳои ғайриҳукуматӣ

**СМР** Стратегияи миллии рушд барои давраи солҳои 2007-2015

**ТБХО** Тадқиқоти буҷети хоҷагиҳои оилавӣ

**ИО** Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ

**СММ** Созмони Милали Муттаҳид

**ГК** Гурӯҳи корӣ

**ҶТ** Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СББСНҶТ** Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015

**СПСК** Стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатӣ

**ҲРҲ** Ҳадафҳои рушди ҳазорсола

# ФЕҲРАСТИ ИСТИЛОҲОТИ МАХСУС (ГЛОССАРИЙ)

**Гендер** – ин маҷмӯи меъёрҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва нақшҳои занону мардон мебошад, ки рафтори онҳо, инчунин муносибатҳои иҷтимоии байни онҳоро муайян менамояд.

**Таҳлили гендерӣ –** таҳлили равандҳои иҷтимоӣ мебошад, ки ба тадқиқоти нақши занон ва мардон дар чунин соҳаҳо, ба мисли тақсими меҳнат, қабули қарорҳо дар сатҳҳои мухталиф, фаъолияти наслофарӣ ва бесамар, дастрасӣ ва назорат ба захираҳо ва неъматҳо, инчунин омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ, ки ба муносибатҳои гендерӣ таъсир мерасонанд, машғул аст. Таҳлили гендерӣ инчунин тадқиқоти бонизоми таъсиррасонии мухталифи лоиҳаҳои рушди ба занон ва мардон дахлдошта – яъне чӣ тавр ба муносибатҳои гендерӣ таъсир расондани ин ё он амал, ҳалли масъала ё нақшаҳоро дар назар дорад. Бинобар ҳамин, таҳлили гендериро дар тамоми давраҳои  раванди рушд (банақшагирӣ, татбиқ, мониторинг ва баҳодиҳӣ) татбиқ намудан зарур аст. Ғайр аз ин, он дар рушди захираҳои инсонӣ, таълим ва ғайра истифода бурда мешавад.

**Баробарии гендерӣ** – дастрасии баробар барои занон ва мардон ба захираҳо ва неъматҳо, новобаста аз мансубияти ҷинсӣ, ҳангоми иҷро намудани вазифаҳои иҷтимоӣ.

**Омори гендерӣ**  – маҷмӯи маълумотҳоро дар бораи ҳолати занон ва мардон дар чунин соҳаҳо: аҳолӣ, оила, тандурустӣ, маориф ва коммуникатсия, шуғл, ҳуқуқи инсон ва сиёсат ифода менамояд. Он яке воситаҳои муҳимтарин мебошад, ки имконият медиҳад хусусиятҳои занон ва мардон, ҳамчун гурӯҳҳои иҷтимоию демографӣ ҳангоми таҳияи сиёсати оқилонаи

иҷтимоию демографӣ, татбиқи принсипи ҳуқуқҳои баробар ва имкониятҳои баробари занон ва мардон ба назар гирифта шавад.

**Омили гендерӣ** – воситаи консептуалист, ки бо ёрии он таҳлили функсияҳо, ӯҳдадориҳо, маҳдудиятҳо, имкониятҳо ва талаботи занону мардон дар ин ё он ҷанба татбиқ карда мешавад.

**Нишондиҳандаҳои ҳассоси гендерӣ** – инҳо маълумотҳое мебошанд, ҳаҷми зиёди маълумотҳоро дар як воҳид ба тарзе хулоса менамоянд, то ки тағйироти бо мурури суратгирифта дар муқоиса бо ягон меъёр/стандарт нишон дода шавад. Мавҷудияти муқоиса дар тавзеҳоти нишондиҳандаҳои статистикӣ, муқоиса бо ягон меъёр он нишондиҳандаҳоеро, ки ҳолати воқеии маълумотҳоро инъикос менамоянд, фарқ мекунонанд.

Нишондиҳандаи гендерии ҳассосро ҳамчун нишондиҳандае муайян кардан мумкин аст, ки тағйироти гендерии дар ҷомеа дар давраи муайяни вақт бавуҷудомадаро фаро мегирад.

Дар мавриде, ки омори гендерӣ маълумоти воқеиро дар бораи нақши занон ва мардон доро мебошад, нишондиҳандаҳои ҳассоси гендерӣ исботи мустақими мақоми занон ё мардонро нисбати ягон меъёри стандартии мувофиқашуда ё ягон гурӯҳи иттилоотии дақиқ муайянкардашуда ифода менамояд.

# МУНДАРИЧА

Рӯйхати ихтисороти
шартӣ……………………………………………………………….2

Феҳрасти истилоҳоти махсус
(глоссарий)…………………………………………………………3

Муқаддима…………………………………………….…………..6

Муқаррароти
умумӣ……………………………………………………………..8

Асоснокӣ……………………………………………………………11

Афзалиятҳои асосӣ ………………………………………………17

Хадафҳо ва вазифаҳо……………………………………………19

Сиёсат ва
стратегия.........................................................................................20

Таъминоти захиравӣ ……………………………………………28

Мониторинги татбиқи Барнома……..…………………………29

Замимаҳо…………………………………………………………..30

## МУҚАДДИМА

Барномаи омори гендерии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2014-2015, ки дар оянда Барнома номида мешавад, ҳадафҳои Агентии оморро дар соҳаи рушди омори гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои расидан ба ин ҳадафҳоро ба таври хулосавӣ ифода менамояд.

Он ҳуҷҷати комплексӣ ва асосии банақшагирии миёнамӯҳлат мебошад, ки самти минбаъдаи барномавии роҳбарии агентиро тавзеҳ медиҳад, мулоҳизаҳо ва дурнамои мақомоти марказӣ ва ҷузъу томҳои сохторҳои маҳаллии АО, вазорату идораҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ ва СҒҲ дар соҳаи рушди истеҳсол, таҳлил ва паҳн намудани маълумотҳои гендерӣ ҷалбшударо инъикос менамояд.

Барнома давраи аз соли 2014 то 2015-ро фаро мегирад. Он воситае барои дастгирии ворисият ва ҳамоҳангсозӣ буда, қисми ҷудонашаандаи сиёсати миллӣ дар бораи Омори давлатии мамлакат мебошад.

Барномаи мазкур дар асоси афзалиятҳои Стратегии миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷуҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2020 таҳия гардида, дар он тавсиҳои CEDAW (Конвенсияи оид ба барҳам додани тамоми намудҳои табъиз нисбати занон (КБТЗ) Нақшаи амали (платформаи) дар Пекин муқарраргашта, Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва тавсияҳои оид ба таҳлили вазъиятии анҷомдодаи БОР дар соҳаи омори гендерӣ дар кишварҳои минтақаи Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Ғарбӣ, бо назардошти махсусиятҳои ичтимоию иқтисодии мамлакат таҳия мегардад.

Стратегия дар доираи татбиқи Лоиҳаи «Рушди иқтидори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи омори гендерӣ» (44067-012), ки аз ҷониби БОР маблағгузорӣ гардидааст, дар ҳамкории наздик бо

гурӯҳи кории оид ба омори гендерӣ, мутахассисони калидии сохторҳои ҷузъу томии АО, инчунин мушовирони маҳаллӣ таҳия карда шудааст.

## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Тоҷикистон кишварест дар Осиёи Марказӣ, ки роҳи ба баҳр баромадан надорад, қариб 93% онро кӯҳҳо ишғол намудаанд ва танҳо камтар аз 10% заминҳо барои киштукор ва ташкили истеҳсолоти зироатҳои кишоварзӣ муофиқ мебошанд. Кӯҳҳо интиқолоти нақлиётӣ ва алоқаи дохилиро душвор мегардонанд, ҳарчанд ба шарофати онҳо мамлакат дорои захираҳои бойи гидроэнергетикӣ ва захираҳои маъданӣ гардидааст. Захираҳои обии ҳаҷман бузург имконият медиҳанд, ки аҳолӣ ба таври интенсивӣ ба кишоварзии деҳот машғул шуда, зироати асосии мамлакат - пахтаро парвариш намояд. Аҳолии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2013 7987,4 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 49,5 % или 3956,9 ҳазор нафарро занон ташкил медиҳанд. Зиёда аз 70% аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд, ки ин ба таври анъанавӣ сатҳи нисбатан бештари таваллуд дар деҳот ва камшавии шуғл/ ҷойҳои корӣ дар шаҳрҳо ба назар мерасад.

Тоҷикистон дар қатори дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар Конститутсияи (Сарқонуни) баробарии ҷинсҳоро эътироф намуд. Дар ин ҷанба дар байни солҳои 2005-2012 дар Тоҷикистон як қатор қонунҳо қабул карда шуданд, ки баробарии гендериро таъмин намуданд. Дар қатори дигар қонунҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарии мардон ва занон ва имкониятҳои татбиқи онҳо», Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Танзими оила ва ҳуқуқҳо», «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқҳои баробар барои занон ва

мардон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солхои 2007-2010», «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузорӣ кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони қобилиятнок барои солҳои 2007-2016», «Стратегияи миллии фаъолгардонии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020»-ро зикр кардан мумкин аст.

Баъди Конфронси чоруми байналмилалӣ оид ба ҳолати занон (Пекин, 1995), дар қатори дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ моҳи майи 2010 дар Тоҷикистон «Стратегияи миллӣ барои солҳои 2011-2020», қабул гардид, ки он ки ба қарорҳои сиёсии ҳукумат дар солҳои гузашта асос ёфтааст. Илова ба ин, Тоҷикистон Барномаи миллии тайёрии касбии занон (солҳои 2007-2016) ва беҳтар намудани дастрасии занону духтарон ба маълумоти олиро татбиқ менамояд. Проблематикаи гендерӣ мавзӯи асосие гардид, ки ба афзалиятҳои ҳуҷҷатҳои стратегии дарозмуддат ва миёнамуддати рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2007-2015, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва Стратегияи баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 ҳамгароӣ пайдо намудааст.

CEDAW, усулҳои нақшаи амали (плпатформаи) Пекин ва Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, дар якҷоягӣ барои ҷамъоварӣ, таҳлил, ва истифодаи маълумотҳо бо тақсимбандӣ аз рӯи ҷинс ва омори гендерӣ катализатор гардиданд. Аз соли 2000 сар карда, дар Тоҷикистон огоҳшавӣ дар хусуси зарурати пайгирии тағйироти ҳолати занон дар муқоиса бо мардон рушд меёбад. Ҷамъоварии маълумот тибқи тақсимот аз рӯи аломати ҷинсӣ беҳтар гардида, масъалаҳои гендерӣ, ҳарчи бештар ҳангоми ҷамъоварии

омори иҷтимоӣ ва демографӣ ба эътибор гирифта мешавад. Дар баробари ин, барои таъмин намудани ҷамъоварӣ ва истифодаи маълумотҳои аз рӯи аломати ҷинсӣ таснифшуда боз корҳои зиёдеро анҷом додан лозим аст.

## АСОСНОКӢ

Таҳлил нишон дод, ки дар Тоҷикистон амалан базаи меъёрию ҳуқуқӣ ё стратегияе, ки он сифран ба масъалаи рушди омори гендерӣ бахшида шуда бошад, мавҷуд нест. Базаи қонунгузории оид ба омор мавҷудбуда, чун қоида, хусусияти гендерию бетарафӣ дорад. Омори гендерӣ, маъмулан, дар қонунгузорӣ, стратегияхо ва нақшаҳои амал дар мавзӯи масъалаҳои занон ва «гендерӣ» ёдоварӣ мегардад. Ҳуҷҷатҳои ба стратегияҳои дарозмӯҳлат ва миёнамӯҳлат воридгардида (СМР, СПСК, СББСНАТ), нишондиҳандаҳои гендерӣ масъалаҳои гендериро қисман фаро мегиранд, ин дар бораи ҳамгароии нокифояи масъалаҳои гендерӣ дар мазмуни стратегия шаҳодат дода, ба мониторинги тадбирҳои банақшагирифташуда дар ҷанбаи гендерӣ монеъ мегардад. Имрӯз ба таҳияи нишондиҳандаҳои мушаххаси оид ба соҳаҳо ва минтақаҳо ҷамъоваришуда, махсусан нисбати ҲРҲ ва дар доираҳои миллӣ ва минтақавӣ дар маҳалҳо татбиқ намудани он зарурат пайдо шудааст. Стратегияҳои миллии паст намудани сатҳи камбизоатӣ чунин заруратро эътироф менамояд.

Ин барномаҳо, маъмулан, масъалаҳои «занон ва кӯдакон»-ро ба сифати масъалаҳое, ки боиси ташвиш мегарданд, муайян менамоянд, ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои мушаххасро шомил менамоянд ва масъулияти пешниҳод намудани маълумотҳои зарурӣ барои гузаронидани мониторинг бошад, ба зиммаи АО вогузор мегардад. Стратегияҳо ва барномаҳои комплексии омор баъзан ҳолатҳои мушаххасро дар бораи омори гендерӣ пешбинӣ менамоянд. Таҳияи нишондиҳандаҳои гендерӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, инчунин беҳтар намудани омор бо тақсимбандӣ аз рӯи

ҷинс ба сифати самти фаъолият ёдоварӣ мегардад ва масъулияти таъмини чунин маъдумот ба зиммаи АО ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ вогузор карда мешавад (масалан, дар «Барномаи ягонаи бисёрсолаи омор барои солҳои 2006-2011» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вале чунин чорабиниҳо назар ба санадҳои қонунгузорӣ камтар ҳатмӣ мебошанд ва аксаран дастгирии молиявии онҳо аз ҷониби давлат нокифоя аст. Норасоиҳо дар схемаҳои омори гендерӣ дар сатҳи амалиётӣ бо роҳи қабули нақшаҳо ё нақшаҳои амали ҷузъу томҳои сохтории АО, (қисман дар сатҳи департаментҳо ва шӯъбаҳо) баррасӣ мегарданд. Масалан, дар Тоҷикистон чунин нақшаҳо барои солҳои 2011 ва 2012 таҳия гардиданд ва чор самти асосии фаъолияти зеринро муайян намуданд:

I. Мониторинги нишондиҳандаҳои гендерӣ дар Стратегияи миллии рушд, СПСК, ҲРҲ ва дар тадқиқотҳои вобаста ба сатҳи зиндагӣ дар баробари таҳлили нишондиҳандаҳои гендерӣ дар ҳисоботи оморӣ (Масалан, дар бораи ҳолати иқтисодии занон);
II. ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ, бо шумули АО дар соҳаи беҳтар намудани омори гендерӣ (масалан таҳсилот, зӯроварӣ);
III. вусъат бахшидани иқтидори кормандони АО ва дигар муассисаҳои давлатӣ;
IV. паҳн намудани омори гендерӣ дар шакли маводи чопӣ, компакт-дискҳо ва веб-саҳифаҳои мақомоти давлатӣ.

Нақшаҳои мазкур метавонанд нақши мусбат бозанд, аммо ба онҳо дастгирии ва таваҷҷӯҳи сиёсии минбаъдаи давлатӣ зарур аст.

Яке аз воситаҳои пуриқтидори ҳавасмандкунӣ дар кори ҳисоботдиҳанда будани мамлакат ӯҳдадориҳои байналхалқӣ мебошад, ки аҳамияти онҳо,

махсусан, вобаста вобаста ба ҳисобот оид ба CEDAW (Конвенцияи СММ оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз (доскриминатсия) нисбати занон) ва ҲРҲ зиёд мешавад. Дар Тоҷикистон ду навъи ҳиобот ба мақомоти байналхалқӣ дида мешавад:

I. баромадҳои марҳилавӣ, ки ҳукуматҳо оид ба пешравиҳои дар сатҳи миллӣ бадастовардаашон пешниҳод менамоянд ва
II. баҳодиҳиҳои мустақили «ғайрирасмӣ» ё алтернативӣ, ки аз ҷониби гурӯҳҳои занон дар доираҳои омӯзишӣ ё тадқикотӣ, инчунин СҒҲ маҳаллӣ ё байналмилалӣ, махсусан, дар ҳодати кӯмакрасонии берунаи техникӣ ё молиявӣ гузаронида мешавад.

Тоҷикистон тавонист, ки мунтазам пешниҳод намудани маълумотҳои алоҳидаро дар доираи ҳисоботдиҳии байналхалқии худ ба низом дарорад, дар ин баромадҳо норасоиҳои зиёдеро оид ба масъалаҳои дараҷаи камбизоатӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, хариду фурӯши одамон, инчунин дастрасӣ ба таҳсилот, қарзҳо ва захираҳои замин дидан мумкин аст.

Тоҷикистон аз низоми гузаштаи шуравӣ системаи омори миллиро мерос гирифт, аз ибтидои солҳои 90-ум сар карда, дар ҷавоби тағйироти шароитҳои сиёсӣ, низоми мазкур якчанд ислоҳоту дигаргуниҳои сохториро аз сар гузаронд. Сохтори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се зина иборат аст: дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои минтақавӣ (вилоятӣ ва шаҳрӣ) ва шӯъбаҳои маҳаллии омор (дар ноҳияҳои кишоварзӣ ва шаҳрҳо). Шӯъбаҳое, ки дар сатҳи марказӣ фаъолият менамоянд, масъулияти ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳоро ба зимма доранд. Агентӣ, асосан, ба низоми худии ҳисобот такя менамояд, вале инчунин бо дигар

вазорату идораҳо барои аз онҳо қабул намудани рақамҳо ва маълумотҳои маъмурӣ ҳамкорӣ менамояд. Агентӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Омори давлатӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2010 таҳти №588 тасдиқ гардидааст, фаъолият менамояд. Дар доираи қонуни мазкур муқаррароти бахшида ба масъалаҳои омори гендерӣ мавҷуд нест. Ғайр аз ин, дар агентӣ сохтори алоҳида барои кор маҳз бо омори гендерӣ вуҷуд надорад. Масъалаҳои мазкур ба зиммаи омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва соҳаи иҷтимоӣ гузошта шудаанд. Дар ин маврид ба раёсати мазкур салоҳияти кофӣ дода нашудааст, то ки он тавонад ба дигар шӯъбаю департаментҳои агентӣ барои ба омори умумӣ шомил гардонидани масъалагузории гендерӣ таъсире расонад. Дар назди агентӣ гурӯҳи гендерӣ ташкил карда шудааст, ки ба масъалаҳои гендерӣ машғул мебошад ва ба ҳайати он роҳбарон аз дастгоҳи марказӣ ва сарварони шӯъбаҳои дахлдори соҳавӣ шомил гардидаанд. Баъзан гурӯҳи корӣ дар ҳолате, ки барои ин шӯъба ё департаменти махсуси иловатан ба сохторҳои мавҷуда ташкилшуда мавҷуд нестанд, ҷиҳати дастгирии раёсатҳо ва шӯъбаҳои барои омори гендерӣ масъулиятдошта нақши катализаторро иҷро менамояд.

Дар соҳаи омори гендерӣ алҳол ягон гурӯҳи кории байниидоравӣ, ки маҳз ба масъалаи мазкур бахшида шуда бошад, ташкил нагардидааст. Бо вуҷуди ин, механизмҳои ҳамоҳангсоз дар шакли мақоми берунӣ, гурӯҳҳои байниидоравие мавҷуданд, ки ба иҷрои нақшаҳои амали миллӣ оид ба беҳтар намудани ҳолати занҳо ё иҷрои конвенсияҳои байналмилалӣ, ба мисли CEDAW машғул мебошанд. Чун қоида, ба чунин гурӯҳҳои байниидоравӣ шахси масъули агентӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ, инчунин намояндагони вазорату идораҳо дохил мешаванд.

Ба проблемаҳои зикршуда нигоҳ накарда, дар кори агентӣ як қатор ҷанбаҳои мусбатро қайд кардан мумкин аст, ки онҳо дар давоми даҳаи аввали соли 2000 ба даст омадаанд:

I. Агентӣ сатҳи муқоиса намудани нишондиҳандаҳои миллиро аз ҳисоби татбиқи низоми ягонаи тақсимбандии иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба стандартҳои дахлдори байналмилалӣ мутобиқат менамояд, баланд бардошт.

II. Мунтазаам шаклҳои гуногуни таҳқиқот бо шумули таҳқиқоти хоҷагиҳои оилавӣ, таҳқиқоти кластерӣ бо нишондиҳандаҳои зиёд (MICS/КОМП), (LFS), қувваи корӣ (LFS), сатҳи зиндагонӣ, таҳқиқоти демография ва саломатӣ (DHS/ОДЗ) ва ғайра гузаронида мешаванд. Тадқиқотҳои мазкур ҳамчун манбаи бои маълумотҳои иҷтимоию гендерӣ хизмат мекунанд, ки имконият медиҳанд маълумотҳои гендерӣ дар чунин соҳаҳо, ба мисли шуғл ва бекорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, интиқолоти пулӣ, маориф, тандурустӣ, сатҳи камбизоатӣ, инчунин фавти кӯдакон ва модарон ба даст оварда шавад.

III. Самаранокии корҳо бо таҳиякунандагони омори маъмурӣ ба низом дароварда шуд, ки ин барои дарёфти маълумоти аз рӯи ҷинс табақабандишуда дар вақти гузаронидани тамоми таҳқиқотҳои мунтазам мусоидат менамояд.

IV. Нашрияҳо бо омори гендерӣ, аз қабили силсилаи интишороти «Мардон ва занон» чоп мешаванд, ки онҳо чунин соҳаҳоро, аз қабили ҳолати демографӣ, тандурустӣ, маориф, шуғл, ҳифзи иҷтимоӣ, иштирок дар қабули қарорҳо, камбизоатӣ ва ҷинояткорӣ фаро мегиранд.

Натиҷаҳои бадастовардашуда зарурати ташкили барномаи ягонаи ба таҳкими фаъолияти АО дар соҳаи омори гендерӣ, аз ҷумла, таҳия, таҳлил ва паҳн намудани онро тасбит менамоянд.

Барномаи омори гендерӣ барои тақвияти иқтидори мутахассисони гурӯҳи гендерии Агентии омор, раёсатҳои ноҳиявии омор, механизмҳои татбиқ ва баланд бардоштани самаранокӣ дар таҳия, истифода ва татбиқи маҳсулоти омори гендерӣ омода гардидааст.

Барномаи мазкур дар заминаи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба таҳлили ҳолатии «Омори гендерӣ дар мамлактҳои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ғарбӣ» (бо мусоидати БОР) асос ёфтааст.

Ҳалли масъалаҳои ташкилии ба беҳтар намудани фаъолияти гурӯҳи гендерии АО ва мутахассисони сатҳи ноҳиявӣ нигаронидашуда, ҳадафҳои мушаххаси ба татбиқи вазифаҳои гузошташуда мусоидаткунанда, ҳамчун самтҳои алоҳиддаи фаъолият ҷудо карда шуда, маханизмҳои асосии татбиқи вазифаҳои гузошташуда кор карда баромада шудаанд.

Барнома дар асоси дастовардҳо ва таҷрибаҳои дар лоиҳаи пешинаи Агентии омор барои рушди пешрафт дар соҳаи омори гендерӣ ғунгардида таҳия гардидааст.

## АФЗАЛИЯТҲОИ АСОСИИ БАРНОМА:

- Баланд бардоштани иқтидори мутахассисони АО оид ба тавсиа ва устувории таҳияи омори гендерӣ ва беҳтар намудани истифодабарии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- Такмили санадҳои ҳуқуқии қонунгузорӣ ҷиҳати инъикоси масъалаҳои омори гендерӣ мутобиқи вазифаҳои гузошташуда.
- Такмили таҳияи маълумоти гендерӣ бо роҳи таҳқиқоти вақти буҷетӣ.
- Беҳтар намудани сифати маъдумот оид ба ТБХО (саволномаи ҳамгаройӣ) бо назардошти нишондиҳандаҳои нишондиҳандаҳои гендерии ҳассос.
- Тавсиаи истифодаи манбаъҳои мавҷудаи маълумоти оморӣ бо роҳи ҷамъоварии маълумоти гендерию релевантӣ (муҳим).
- Ҳалли масъалаҳои ташкилӣ оид ба беҳтар намудани сифати омори гендерӣ дар дохили Агентии омор.
- Дар доираи ноҳия ташкил намудани базаи нишондиҳандаҳо оид ба омори гендерӣ.
- Барқарор намудан ва таҳкими ҳамкории мутақобила байни созмонҳои манфиатдор оид ба масъалаҳои рушди истеҳсолот, таҳлил ва паҳн намудани маълумотҳои гендерӣ.
- Омӯзиши мунтазами талаботи истифодабарандагон ва таъмин гардонидани талаботи онҳо ба омори гендерӣ бо роҳи ташкил ва гузаронидани мусоҳиба бо истифодабарандагони маълумоти гендерӣ.
- Тавсиаи истифодабарии манбаъҳои маълумоти оморӣ бо роҳи ҷамъоварии маълумоти гендерию релевантӣ (муҳим).
- Такмилдиҳӣ ва мунтазам нав гардонидани манбаи гендерӣ ва маълумотҳои веб-саҳифаи АО.

- Таҳия ва чопи нашрияҳо оид ба маълумоти гендерӣ дар доираи соҳаҳо ва минтақаҳо.

# ҲАДАФҲО ВА ВАЗИФАҲО

**Ҳадафи умумии Барнома**

Тақвияти иктидори низоми омории ҶТ барои омода намудан ва паҳн кардани омори гендерӣ бо усули самарабахши иқтисодӣ, мутобиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ ва талаботи истифодабарандагон.

**Вазифаҳои асосӣ:**

1. Баланд бардоштани иқтидори мутахассисони миллӣ ва маҳаллӣ оид ба таҳия, истеҳсол ва паҳн намудани омори гендерӣ;
2. Такмили базаи меъёрии қонунгузорӣ дар соҳаи омори гендерӣ;
3. Беҳтар намудани истеҳсол ва паҳн намудани маълумот оид ба омори гендерӣ;
4. Беҳтар намудани мусоҳиба бо истифодабарандагони омори гендерӣ;
5. Беҳбуди паҳн намудани омори гендерӣ;

## СИЁСАТ ВА СТРАТЕГИЯ

Сиёсат ва стратегияи «Барномаи рушди омори гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2014-2015» бо назардошти тавсияҳои CEDAW, Нақшаи амали Пекин, Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва тавсияҳои БОР дар соҳаи таҳлили ҳолатии омори гендерӣ дар мамлакатҳои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Ғарбӣ, бо назардошти махсусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва миллӣ мураттаб мегардад. Барои ноил гардидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда дар соҳаи оморӣ гендерӣ дар Тоҷикистон барнома стратегияҳои зеринро истифода хоҳад намуд:

***1. Баланд бардоштани иқтидори мутахассисони миллӣ ва маҳаллӣ оид ба истеҳсол, таҳлил ва паҳн намудани оморӣ гендерӣ.***

Баҳодиҳии иқтидори ҳозираи кормандони АО дар сатҳи марказӣ ва сохторҳои он дар ноҳия ва таҳияи нақшаи чорабиниҳо барои баланд бардоштани иқтидор нисбати ҷамъоварӣ ва таҳлили оморӣ гендерӣ;

Агентӣ ба ҷалб намудани аъзоёни Гурӯҳи корӣ оид ба оморӣ гендерӣ ва дигар мутахассисони  масъули ҷузъу томҳои сохторӣ тамсилаи (модули) таҳиягардидаи «Муқаддимаи оморӣ гендерӣ»-ро ба сатҳи ноҳияӣ мутобиқ менамояд.

Тибқи тамсилаи мутобиқгардида, агентӣ ҷадвал тартиб дода, мувофиқи он чорабиниҳоро оид ба баланд бардоштани иқтидори мутахассисони маҳаллӣ вобаста ба масъалаҳои коркард, истеҳсол ва паҳн намудани оморӣ гендерӣ ташкил менамояд ва мегузаронад.  Аъзоёни Гурӯҳи корӣ омода ҳастанд, ки дар гузаронидани тренингҳо оид ба омӯзиши ҷанбаҳои асосии оморӣ гендерӣ, ки барои дар оянда таъмин гардидани ҳамкории мутақобилаи

самарабахши ҳамаи сохторҳои манфиатдор имконият фароҳам меоварад, мусоидат намоянд.

АО, мунтазам бо роҳи ҷалб намудани мутахассисон барои сатҳҳои миллӣ ва ноҳиявӣ оид ба истеҳсол ва таҳлили оморӣ гендерӣ  кӯмаки машваратӣ ва методологӣ менамояд.

***2. Такмили базаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи омори гендерӣ***

Дар доираи татбиқи барномаи мазкур якҷоя бо намояндагони Парлумон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ», ки дар он моддаҳои инъикоскунандаи ҷамъоварӣ ва таҳияи маълумотҳои ҳамгароии оморӣ гендерӣ ба эътибор гирифта нашудаанд, аз нав дида баромада мешавад. Дар ин самт агентӣ:

Санадҳои қонунгузориро ҷиҳати муайян намудани тарафҳои заифи онҳо оид ба истеҳсоли маълумоти гендерии ҳассос хулоса менамояд.

Аз рӯи натиҷаҳои хулосаи гузаронидашуда Агентӣ замимаҳо ва тавсияҳоро оид ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омода ва пешниҳод карда, ба раванди қабул ва тасдиқи онҳо мусоидат менамояд.

***3. Беҳтар намудани истеҳсол ва паҳн намудани маълумот оид ба омори гендерӣ***

Вобаста ба мунтазам такмил ёфтани усулҳои гузаронидани таҳқиқоти вақти буҷетӣ, ки ба таҷрибаи дигар кишварҳо асос ёфтааст, бо назардошти рушди технологияи ҳозира ва методологияи ҷамъоварии маълумот, Агентии омор вақти буҷетиро, ки манбаи асосии ҷамъоварии маълумоти омор ва таҳлили гендерӣ мебошад, таҳқиқ менамояд.

Дар ҳамкории наздик бо мушовирони Бонки умумиҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи такмили буҷетҳои хоҷагиҳои оилавӣ (ТБХО) методологияи гузаронидани таҳқиқоти ҳамгароии сатҳи зиндагӣ ва Гурӯҳи корӣ таҳия карда мешавад.

Пешбинӣ мегардад, ки ба саволномаҳо, методологияи интихоб, ташкили корҳои саҳроӣ, идоракунии маълумот ва натиҷаҳои пешниҳодгардида тағйирот ворид карда шавад.

Дар саволномаҳои нав оид ба ТБХО чунин тамсилаҳои иловагӣ ва ҳамгиро илова мегарданд:

- Тамсилаи қувваи корӣ
- Тамсилаи оид ба тансиҳатӣ
- Тамсилаи оид ба таҳсилот
- Тамсилаи муҳоҷират ва интиқолоти пулӣ
- Кишоварзӣ

Маълумоти қабулшуда, чун пешина яквақтаина набуда, ба таври доимӣ (ҳар семоҳа) инъикос меёбад ва чунин нишондиҳандаҳоро фаро мегирад:

- Дараҷаи камбизоатӣ (даромадҳо ва хароҷоти аҳолӣ)
- Дараҷаи саломатии аҳолӣ, баҳодиҳии хизматрасонии тиббӣ ва хароҷоти аҳолӣ
- Иштирок дар муассисаҳои таълимӣ ва хароҷот барои таҳсилот
- Шуғл ва бекорӣ

- Муҳоҷират (дохилӣ, берунӣ ва интиқолоти пулӣ)

Агентӣ муносибатҳоро оид ба ҷамъоварӣ ва пешниҳоди маълумотҳо оид ба гурӯҳҳои осебпазири занон, бо шумули занони куҳансол, инчунин духтарон ва занони инвалид дар ҳамаи соҳаҳо (тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғ.) – аз рӯи тавсияҳои хотимавии Конвенсияи оид ба барҳам додани тамоми намудҳои табъиз нисбати занон (КБТЗ) тайёр ва муайян менамояд.

Сифати ҷамъоварии мунтазами иттилооти оморӣ оид ба шахсони ба синни 18-солагӣ нарасида (маълумот бояд аз рӯи ҷинс, синну сол, шаҳр ва деҳот, аломатҳои этникӣ, таҳсилот ва ғайра тақсим карда шаванд) – чӣ тавре ки дар дар тавсияҳои хотимавии Кумитаи СММ барои Тоҷикистон дар соли 2010 тибқи Конвенсияи лид ба ҳуқуқи кӯдак инъикос ёфтааст, бояд беҳтар карда шавад;

Гузаронидани таҳлили гендерии базаи мавҷудаи омор аз рӯи бахшҳо ва соҳаҳо барои муайян намудани камбудиҳои ҷойдошта ва имкониятҳои шомил намудани омори гендерии ба бахшҳои чамъоварии омор ва таҳлили маълумот тақсимшуда;

Хулоса гамудани нишондиҳандаҳои ба СМР ва Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2015 воридгардида ҷиҳати таъмин ва ворид намудани маълумоти гендерии ба низоми ҷамъоварӣ, кокард ва таҳлили проблемаҳо ва муваффақ гаштан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои СМР ва СБСНАТ;

### *4. Беҳтар намудани мусоҳиба бо истифодабарандагони омори гендерӣ*

Агентии омор барои нисбатан самаранок истифода бурдан ва фаҳмидани омори гендерӣ бо роҳи ташкили мусоҳибаҳо (вохӯриҳои корӣ, мизҳои

мудаввар, муаррафиномаҳо ва ғ.) дар байни гурӯҳҳои нисбатан фаъол ва дигар гурӯҳҳои дахлдори истифодабарандагон иштироки фаъолонаро давом медиҳад. Барои татбиқи ин вазифа рӯйхати истифодабарандагони асосӣ ҷиҳати муайян намудани талабот дар ҷамъоварии омори гендерӣ ташкил дода хоҳад шуд.

Мутахассисони АО аз ҳисоби ГК оид ба омори гендерӣ ва гурӯҳи гендерӣ дар муҳокима иштирок менамоянд, пеш аз ҳама:

- бо мутахассисони дар соҳаҳои гуногуни омор дар дохили Агентии омор коркунанда. Истеҳсоли омори гендерии ҳамгароӣ, гузаронидани таҳлили нисбатан амиқи маълумоти мавҷударо таъмин карда, ба такмили равандҳои ҷамъоварӣ, ҳисоби нишондиҳандаҳо ва таҳлили маълумотҳо дар ҳар соҳаи омор мусоидат хоҳад намуд.
- бо кормандони ба истеҳсоли омори гендерӣ дар сохторҳои давлатӣ масъул, тавассути ташкили гурӯҳҳои корӣ аз мутахассисони вазорату идораҳо дар соҳаҳои мухталифи омори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
- бо аъзоёни парлумон, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, кормандони алоҳидаи илмӣ, пешсафони сиёсӣ дар пешбурди фаҳмиши аҳамияти истеҳсолот, фаҳмиш ва истифодаи омори гендерӣ, мусоидат ба татбиқи курсҳои оид ба омори гендерӣ дар барномаи омӯзиши омор дар муассисаҳои олии таълимӣ;

Истифодабарандагони асосии омори гендерӣ инҳо мебошанд:

- Пешсафони сиёсӣ, ки дар сатҳи ҷумҳуриявӣ қарор қабул менамоянд
- Роҳбарони мақомоти давлатии ҳокимияти қонунбарор ва иҷроия
- Созмонҳои ҷамъиятӣ, Ассотсиатсияҳои созмонҳои ғайриҳукуматӣ

- Созмонҳои заанон, ки ҷиҳати дастгирии занон фаъолиятҳои мухталифро иҷро менамоянд
- Институтҳои илмию тадқиқотӣ ва гурӯҳҳо
- Созмонҳои байналмилалӣ
- Китобхонаҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
- Омӯзгорон ва донишҷӯён
- Воситаҳои ахбори омма
- Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии омор оид ба муаррафии натиҷаҳои таҳқиқотҳои калон ва чопи интишороти нав дар ҷанбаи гендерӣ мунтазам чорабиниҳои мухталиф мегузаронад ва ба омӯзиши таклифҳо ва эродҳои истифодабарандагони дараҷаҳои гуногун ба талаботи онҳо ва такмили нишондиҳандаҳои омори гендерӣ аҳамияти калон медиҳанд.

Ғайр аз ин, АО ҳамкории якҷояро бо сохторҳои манфиатдор дар кам намудани зӯроварӣ нисбати занон (Кумитаи оид ба корҳои занон ва оила, Коалитсияи ИҶ «Аз баробарии воқеӣ – ба баробарии ҳуқуқӣ», ВКД ҶТ, Шӯрои адлия ва ғайра) ба низом медарорад.

Агентии омор ба тақвияти таваҷҷӯҳи шахсони қарорқабулкунанда дар рӯзмаррагардонӣ ва истифодаи омори гендерии мавҷуда мусоидат хоҳад намуд.

**Беҳбуди паҳн намудани омори гендерӣ**

Таҷрибаи ғуншуда оид ба маводи чопии маҷмӯаи омории «Занон ва мардон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таваҷҷӯҳи истифодабарандагонро дар тавсиа ва таҳлили маълумотҳои вобаста ба дастрасии занону бачагон ба ҳифзи

иҷтимоӣ, гурӯҳҳои аҳолии ба дастгирии давлатӣ дар давраи мушкили ҳаёти онҳо эҳтиёҷманд ва андозаҳои кӯмаки расонидашуда, ба ҳамин муносибат бо мақсади беҳбуди паҳн намудани маълумотҳои гендерии агентӣ ҷалб намуд:

АО чопи маҷмӯаи омори гендерии «Занон ва мардон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар ҳар 2 сол бо назардошти дарёфти нишондиҳандаҳои омори гендерии тақсимбандишудаи ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқгардида, таъмин менамояд;

Ҳамкориро бо вазорату идораҳо ва дигар ташкилотҳои манфиатдори ба раванди истеҳсоли маълумоти гендерӣ оид ба масъалаҳои паҳн намудани ҳамгароии онҳо ва таҷдиди манбаи маълумоти гендерии АО фарогирифта барқарор менамояд ва таҳким мебахшад.

Агентии омор дар ташаккули омори гендерии ҳамгарошуда дар мониторинг ва баҳодиҳии Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон, Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, Стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатӣ, Конвенсия дар бораи барҳамдиҳии тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳим саҳми худро мегузорад.

Агентии омор ба нақша гирифтааст, ки ба чопи маводи методӣ ва муайян намудани нишондиҳандаҳо, механизмҳои баҳисобгирии омори гендерӣ тавсиа бахшида, бо ин ҳассосияти гендерии мутахассисони таҳиякунандаи омори гендериро баланд мебардорад.

Ба таври ҳаррӯза рӯйхати нишондиҳандаҳоро такмил медиҳад ва манбаи маълумот, маълумотҳои вебсаҳифаи дар Веб-сайти агентӣ ҷойдодашударо таҷдид менамояд.

Дар рӯйхати нишондиҳандаҳои манбаи маълумот оид ба омори гендерӣ нишондиҳандаҳои гендериро тар доираи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон илова менамояд.

Ҳам дар байни кормандон, ҳам дар байни тарафҳои манфиатдор оид ба таҳия ва чопи мақолаҳои таҳлилӣ дар мавзӯи проблемаҳои муҳими гендерӣ озмунҳо эълон менамояд.

Оид ба масъалаҳои омори гендерӣ дар асоси манбаи маълумоти мавҷуда китобчаҳо таълиф ва нашр менамояд.

## ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

Агентии омор ҳаҷми асосии корҳоро оид ба рӯзмарра гардонидани такмили нишондиҳандаҳои омори гендерӣ, асосан, дар доираи маблағгузории буҷетии худӣ анҷом медиҳад, дар баробари ин, ба нақша гирифта мешавад, ки корҳои муайян (таҳқиқоти яквақта) аз ҳисоби мабалағи донорҳо ё лоиҳаҳои алоҳида татбиқ карда шавад. Дар ин робита, АО равона намудани захираҳоро фаъолона гузаронида, нақшаи оид ба фандрейзенгро таҳия ва татбиқ менамояд

## МОНИТОРИНГИ ТАТБИҚИ БАРНОМА

Низоми мониторинг ва баҳодиҳии ин барнома имконият медиҳад, ки ба таври объективӣ баҳо дода шавад, ки ин ҳадаф айни замон дар соҳаи омори гендерӣ муяссар гардидааст, фаъолияти соҳаи таҳия, таҳлил ва паҳн намудани омори гендерӣ тадриҷан тағйир меёбад ва кадом соҳаҳои фаъолият барои беҳбуди корҳо таваҷҷӯҳи нисбатан ҷиддиро тақозо менамоянд.

Бо мақсади таъмини татбиқи самаранок ва иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои гузошташуда ва чорабиниҳо мунтазам мониторинги татбики барнома гузаронида мешавад. Масъалаҳои мониторинги иҷрои барномаи мазкур ба Раёсати гендерӣ оида ба омори гендерии дар назди АО ташкилшуда гузошта мешавад, ки ба он намояндагони раёсатҳо ва шӯъбаҳо шомил гардидаанд.

Принсипҳои мониторинг ва баҳодиҳӣ. Таъмини баҳодиҳии мустақил, шаффофият, тамоюл ба ҷараён ва натиҷаҳо, бо такя ба ҳисоботҳои амалӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда. Мониторинг дар асоси нишондиҳандаҳои тасдиқшуда гузаронида хоҳад шуд.

Ҷараёни мониторинг. Мониторинги барнома бетанаффус, доимӣ дар шакли хисоботҳои солона гузаронида хоҳад шуд.

Ҳисобот дар бораи мониторинг бо баҳодиҳии дастовардҳо дар доираи фаъолияти он ва таклифҳо оид ба такмилдиҳии раванди рушд дар ҷаласаи мушоввараи АО баррасӣ мегардад. Ҳисоботҳо ба тамоми шахсони манфиатдор ва аҳли ҷомеа дастрас хоҳанд буд.

# ЗАМИМАҲО

## (Замимаи 1). ҚОЛАБҲОИ ТАДБИРҲО ОИД БА ТАТБИҚИ БАРНОМАИ РУШДИ ОМОРИ ГЕНДЕРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ СОЛҲОИ 2014-2015

| *Ҳадаф* | *Вазифаҳо* | *Чорабиниҳо/лоиҳаҳо* | *Манбаи маблаг гузорӣ* | *Мӯҳлати ичро* | *Сохторҳои масъул* | *Натиҷаҳои интизорӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Тақвияти иқтидори низоми омории ЧТ барои таҳия ва паҳн намудани омори гендерӣ аз лиҳози иқтисоди самарабахш буда ба стандартҳои*** | ***1. Баланд бардоштани иқтидори мутахассисони миллӣ ва маҳаллӣ оид ба таҳия, истеҳсол ва паҳн намудани омори гендерӣ.*** | *1.1. Гузаронидани баҳодиҳӣ ба иқтидори ҷории кормандони АО дар сатҳи марказӣ ва сохторҳои он дар сатҳи ноҳиявӣ* | *Буҷети АО* | *с .2014* | *ГК оид ба омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори АО* | *Оид ба баҳодиҳии иқтидории ҳозираи кормандони АО дар сатҳи марказӣ ва сохторҳои ноҳиявии он* |
| | | *1.2. Омода намудани ҷадвали чорабиниҳо барои баланд бардоштани иқтидори кормандони АО дар* | - | *с. 2014* | *ГК оид ба омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои* | *Ҷадвали таҳиягардида* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *сатҳи марказӣ ва сохторҳои он дар сатҳи ноҳиявӣ вобаста ба ҷамъоварӣ ва таҳлили омори гендерӣ;* | | | *дахлдори АО* | |
| | | *1.3. Мутобиқшавии тамсилаи тайёршуда ба омори гендерии сатҳи ноҳиявӣ* | *Буҷети АО* | *с. 2014* | *ИҶ «Фонди паст намудани сатҳи камбизо атӣ»* | *Лоиҳаи тамсилаи мувофиқшуда омода гардидааст* |
| | | *1.4. Ташкил ва гузаронидани тренинги дурӯза оид ба масъалаҳои коркард, истеҳсол ва паҳн намудани омори гендерӣ барои мутахассисони* | *Донор ҳо* | *с. 2014-2015.* | *УДЗНСС АО* | *7 тренинг бо фарогирии 70 мутахассисони маҳаллӣ гузаронда шуд* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *маҳаллӣ (Тренинг бо 15 мутахассис)* | | | | |
| | | *1.5. Кӯмаки машваратию методологӣ барои сатҳҳои миллию ноҳиявӣ ҷиҳати истеҳсол ва таҳлили омори гендерӣ* | *Буҷети АО* | *с. 2014-2015 (мунтазам)* | *УДЗНСС АО* | |
| | ***2. Такмили базаи меъёрию қонунгузорӣ дар соҳаи омори гендерӣ*** | *2.1.Омода намудани хулоса ҷиҳати муайян намудани тарафҳои заиф дар истеҳсоли маълумоти ҳассоси гендерӣ бо назардошти рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат* | - | *с. 2014* | *ГК оид ба омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори АО* | *ГК оид ба омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори АО* |
| | | *2.2. Ворид намудани иловаҳо ба Қонуни ҶТ* | - | *с. 2015* | *ГК оид ба омори* | *Лоиҳаҳои такмили* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *«Дар бораи омори давлатӣ» оид ба истеҳсол ва паҳн намудани маълумоти ҳассоси гендерӣ ва бо назардошти рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат* | | | *гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори АО* | *санадҳои қонунгузорӣ тартиб дода шудаанд* |
| | **3. Беҳтар намудани истеҳсол ва паҳн намудани маълумоти омори гендерӣ** | *3.1. Дар ҳамкории наздик бо мушовири Бонки умумиҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи такмили таҳқиқоти буҷетҳои хоҷагиҳои оилавӣ (ТБХО), таҳияи методологияи гузаронидани* | *-* | *с. 2014-2015* | *ГК оид ба омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори АО* | *Лоиҳаи такмили тамсилаи ТБХО омода гардидааст* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *тадқиқоти интегратсионии сатҳи зиндагӣ ва Қувваи корӣ.* | | | | |
| | | *3.2. Ворид намудани тағйирот дар саволномаҳои ТБХО, тағйироти методологияи интихоб* | *-* | *с. 2014* | *ГК оид ба омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори АО* | *Лоиҳаи саволномаҳои ТБХО ва методикаи интихоб таҳия гардидааст.* |
| | | *3.3. Гузаронидани таҳқиқоти буҷети вақт* | *Буҷети АО* | *с. 2015* | *ГК оид ба омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори* | *Ҳисобот оид ба натиҷаҳои ТБХО таҳия гардидааст* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | *АО* | |
| | | *3.4. Такмил додани муйянсозии муносибатҳо оид ба ҷамъоварӣ ва пешниҳод намудани маълумот оид ба ҳолати осебпазирии гурӯҳҳои занон, бо шумули занони кӯҳансол, инчунин духтарон ва занони носолим (инвалид) дар ҳамаи соҳаҳо (тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ ва г.) аз рӯи тавсияҳои хулосавии КБТШТ (Конвенсияи барҳамдиҳии тамоми* | - | *с. 2014* | *ГК оид ба омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори АО* | *Механизм оид ба ҷамъоварӣ ва пешниҳоди маълумотҳо ба муқаррароти гурӯҳҳои осебпазири занон бо шумули занони кӯҳансол, инчунин духтарон ва занони носолими (инвалиди) ҳамаи соҳаҳо омода карда шудааст* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *шаклҳои табъиз нисбати занон);* | | | | |
| | | *3.5. Бо мақсади беҳтар намудани сифати кӯмакрасонии машваратию методологӣ ба масъулин барои ҷамъоварӣ ва коркарди мунтазами маълумот дар бораи шахсони ба синни 18-солагӣ нарасида* | - | *с. 2014-2015.* | *ГК оид ба омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори АО* | *ГК оид ба омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори АО* |
| | | *3.6. Гузаронидани* | - | *с. 2014-.* | *ГК оид ба* | *Ҳисобот оид ба* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *таҳлили базаи мавҷудаи омор барои муайян намудани проблемаҳои ҷойдошта ва имкониятҳои ворид намудани омори гендерии ба ҷамъоварии маълумот аз рӯи бахшҳо ва таҳлили маълумот тақсимшуда* | | *с. 2015* | *омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори АО* | *таҳлили гендерии базаи мавҷудааи омор оид ба бахшҳо ва соҳаҳо тайёр карда шудааст.* |
| | | *3.7. Гузаронидани хулосаи нишондиҳандаҳои ба СМР ва Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015* | - | *с. 2015* | *ГК оид ба омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори АО якҷоя бо ВРИС* | *Ҳисобот оид ба хулоса намудани нишондиҳандаҳои СМР, СБСНАТ ҷиҳати ворид намудани маълумоти аз* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *воридшуда ҷиҳати таъмин ва ворид намудани маълумоти гендерии тақсимбандишуда ба низоми ҷамъоварӣ, коркард, ва таҳлили проблемаҳо ва дастрасӣ ба ҳадафҳо ва вазифаҳои СМР ва СББСНАТ;* | | | | *назари гендерӣ тақсимбандишуда ба низоми ҷамъоварӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили проблемаҳо омода карда шудааст.* |
| | | *3.8. Тайёр намудани ҳисобот ва маводи чопӣ оид ба маълумоти таҳқиқот* | *Буҷети АО* | *Охири с. 2015.* | *ГК оид ба омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори АО* | *Ҳисобот оид ба ТБХО омода ва чоп карда шудааст* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ***4. Беҳтар намудани мусоҳиба бо истифодабарандагони омори гендерӣ*** | *4.1. Усули омода намудани рӯйхати истифодабарандагони асосӣ барои муайян кардани талабот ба ҷамъоварии омори гендерӣ* | - | *Аввали с. 2014* | *ГК оид ба омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори АО* | *Рӯйхат омода гардидааст* |
| | | *4.2. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои мухталаиф оид ба муаррафӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқотҳои калон ва чопи маводи нав дар ҷанбаи гендерӣ бо мақсади омӯзиши пешниҳодҳо ва эродҳои истифодабарандагони* | | | | *Ҳадди ақал 4 чорабинӣ омода гардидааст.* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *дараҷаҳои гуногун ва зарурати онҳо ба такмили нишондиҳандаҳои омори гендерӣ.* | | | | |
| | | *4.3. Ба роҳ мондани ҳамкории муштарак бо сохторҳои дахлдор ҷиҳати кам намудани зӯроварӣ нисбати занон (Кумитаи оид ба кор бо занон ва оила, Коалитсияи ИҶ «Аз баробарии амалӣ – ба баробарии ҳуқуқӣ», ВКД ҶТ, Шӯрои адлия ва г.) бо роҳи мунтазам* | - | *с. 2014-2015* | *ГК оид ба омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори АО* | *Ҳадди ақал 4 вохӯрии корӣ гузаронида шудааст* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *гузаронидани вохӯриҳои корӣ ва муҳокимаҳои муштарак* | | | | |
| | **5. Беҳбуди пахн намудани омори гендерӣ** | *5.1. Чопи маҷмӯаи «Занон ва мардон» бо таваҷҷӯхи бештар ба интишороти нишондиҳандаҳои махсусан рӯзмарраи гендерӣ* | *Бучети АО* | *с. 2014-2015.* | *ГК оид ба омори гендерӣ, раёсатҳо ва шӯъбаҳои дахлдори АО* | |
| | | *5.2. Барқарор намудан ва таҳкими ҳамкории мутақобила бо вазоратҳо ва идораҳо ва дигар ташкилотҳои дахлдор, ки бо раванди* | *-* | *с. 2014-2015* | *АО* | *Манбаи маълумоти навшуда ба вебсаҳифаи гендерии АО* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *истеҳсоли маълумоти гендерӣ, оид ба масъалаҳои ба таври ҳамгироӣ паҳн намудан ва намудани манбаи маълумотҳои АО.* | | | | |
| | | *5.3. Ташаккул додани омори гендерии ҳамгироии дар мониторинг ва баҳодиҳии Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон Ҳадафҳои рушди хазорсола, Стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатӣ, Конвенсияи* | - | *с. 2014-2015.* | *АО ва дигар вазорату идораҳои дахлдор* | - |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳим* | | | | |
| | | *5.4. Тавсиаи чопи маводи методӣ ва муайян намудани нишондиҳандаҳо, механизми баҳисобгирии нишондиҳандаҳои омори гендерӣ* | *Буҷети АО* | *с. 2014-2015* | *Раёсатҳо ва шӯъбаҳои масъули АО* | |
| | | *5.5. Рӯйхати нишондиҳандаҳо ва навсозии базаи маълумот оид ба омори гендерӣ дар доираи соҳаҳо ва минтақаҳо, ҳамчунин маълумотҳои* | - | *с. 2014-2015* | *ГК оид ба омори гендерӣ ва Раёсатҳо ва шӯъбаҳои масъули АО* | *Рӯйхати навшудаи нишондиҳандаҳо ва базаи маълумот ва веб-саҳифаҳои АО* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *веб-саҳифа, ки дар вебсайти АО ҷой дода шудааст* | | | | |
| | | *5.6. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои ҳавасмандкунӣ ҳам дар байни кормандон ва ҳам дар байни тарафҳои дахлдор оид ба таҳия ва чопи мақолаҳои оид ба проблемаҳои нисбатан муҳими гендерӣ.* | - | *с. 2014-2015* | | *Ҳар сол ҳадди ақал 5 мақола таълиф ва дар вебсаҳифаи АО ҷой дода мешаванд* |
| | | *5.7. Муқоиса намудан ва чопи китобчаҳо оид ба масъалаҳои омори гендерӣ дар асоси манбаи* | *Буҷети АО, донор ҳои* | *с. 2015* | *ГК оид ба омори гендерӣя, Раёсатҳо ва* | *Китобчаи чопшуда* |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *маълумот* | *асосӣ* | | *шӯъбаҳои масъули АО* | |